**ТАҚРИЗ**

**Ба автореферати диссертатсияи БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзӯи “Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Автореферати ба тақриз пешниҳодгашта ба яке аз мавзуъҳои мубрам дар соҳаи забоншиносӣ, яъне ба таҳлил ва баррасии маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ- фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шудааст. Омӯзиши маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун инъикоси консепти забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ аз як ҷиҳат барои забоншиносии муосир заминаи устувор мегузорад, аз тарафи дигар, муҳиммияти таҳқиқотро ташкил медиҳад.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба таҳқиқ ва ошкор намудани маънои консептуалии консепти “шодӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шудааст. Вобаста ба масъалаи таҳқиқот диссертатсия ба ихтисоси илмии 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302– Забоншиносии муқоисавӣ, таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат менамояд.

Мақсади таҳқиқот, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои забонӣ-фарҳангии маънои консептуалии “шодӣ” дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ интихоб шудааст, ба ақидаи мо муаллиф ба он ноил гаштааст. Диссертант зимни таҳқиқ методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, таҳлилӣ, сохторӣ ва ғайра истифода намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир гаштааст, ки дар он бори нахуст таркиб ва низоми консепти “шодӣ” дар тасвири забонии ҷаҳон, хусусан, тасвирҳои муқаррарӣ ва илмию бадеӣ дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ нишон дода шудааст. Инчунин, таҳлили когнитивӣ ва лингвофарҳангии консепти “шодӣ” дар асоси хусусиятҳои луғавӣ, зарбулмасалу мақолҳо, ибораҳои рехта ва асарҳои бадеӣ аз нигоҳи забоншиносии шинохтӣ (когинитвӣ) ва фарҳангӣ ба роҳ монда шуда, вижагиҳои умумӣ ва фарққунандаи хоси дарки консепти “шодӣ” аз ҷониби соҳибзабонон вобаста ба тафаккури миллӣ бори нахуст нишон дода шудааст.

Дар ҳақиқат ҳам, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, дар раванди таълими забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), фарҳангӣ, қавмӣ, лексикология ва фразеология, инчунин барои гузаронидани семинарҳо ва курсҳои махсус аз фанни забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), фарҳангӣ ва қавмӣ истифода бурда шаванд.

Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчунин барои тайёр намудани асосҳои лингвистии омӯзиши забони чинӣ дар муассисаҳои таълимии филологӣ ва дар раванди таълим дар мактабҳои олии равияи тарҷумонӣ ҳангоми гузаронидани курсҳои махсус, семинарҳо ва дар лексияҳо аз фанни забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавӣ

метавон истифода кард. Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, се боби бо ҳамдигар пайваст ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳар як боби диссертатсия ба пуррагӣ ҳаллу фасли худро ёфтааст. Диссертант тавонистааст дар бобу зербобҳо масъалаҳои гузоштаашро таҳлил намояд. Адабиёти гуногун зимни пажуҳиш бамаврид истифода шудааст. Ин аз меҳнати пурмашаққати диссертант гувоҳӣ медиҳад.Хулосаҳои худро дар 20 банд асоснок намуда ҷамъбаст кардааст, ки ин ҳам аз муваффақияти муаллиф шаҳодат медиҳад. Бо баробари мавҷуд будани муваффақиятҳои илмӣ дар автореферат камбудиҳои начандон муҳим ба назар мерасад:

1. Барои пурра мазмуни мӯҳтавои кор инъикос ёфтан хулосаи ҳар як фасл амиқ ҷамъбаст карда шавад:
2. Дар автореферат якчанд хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Бояд зикр намуд, ки эродҳои мазкур дар қиёс бо муваффақиятҳои кор,аҳамияти ҷиддӣ надорад ва ба мундариҷаи кор халал наменамояд, муаллиф метавонад ин эъродҳоро баъдан, барои таҳияи монография ба эътибор гирад.

Хулоса, кори тадқиқотии БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзӯи “Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазобор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ,
PhD, муаллими калони кафедраи забон
ва адабиёти руси Донишкадаи
соҳибкорӣ ва омӯзгории шаҳри Денави
Ҷумҳурии Узбекистон **Юнусов Алишер Панджиевич**

**Нишонӣ:** 190503,Ҷумҳурии Узбекистон,
деҳаи Деҳнав Ҷамоати Боғи Эрам

Имзои А.П. Юнусовро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи соҳибкорӣ ва омӯзгории Денави **О.С. Султонов**

**Нишонии муассиса:** Ҷумҳурии Узбекистон, шаҳри Денав
гузаргоҳи Боғ, 112
25.08.2025с.